# ТАФСИРИ МАФҲУМҲОИ АСОСИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ

## А

**Абарпайванд [hyperlink].** Сафҳаҳои сомона дорои абарпайвандҳоянд, ки тавассути онҳо гузариш аз як сафҳа ба сафҳаи дигари сомона амалӣ гардонида мешавад. Ҳангоми нишондиҳандаи мушро ба болои абарпайванд овардан, дар лавҳаи ҳолатнамои равзана суроғаи пурраи захираи иттилоотӣ, дар шакли пайдарпайии суроғаи сервер, номи ҷузвдон ва парвандаи санад нишон дода мешавад.

**Адаптерҳои шабакавӣ [network adapters]** воситаҳои техникие мебошанд, ки онҳо компютерро бо хатҳои иртиботӣ пайванд месозанд.

**Афзорҳои барномарезӣ** гуфта воситаҳои худкорсозии раванди коркарди барномаҳои компютериро меноманд.

## Б

**Бақайдгирӣ [check-in]** — дохилкунии иттилооти шахсии корбар дар компютери ширкати туристӣ.

**Банақшагирӣ [planning, programming]** – раванди коркард ва қабули дастурҳои мақсадноки хосияти миқдоран ва сифатан беҳтаркунонии роҳҳои самаранок дар фатҳи мақсадҳои гузошташуда мебошад.

**Банақшагирии рӯзмарра дар низоми иттилоотӣ** – раванди банақшагирие, мебошад ки дар он қарорҳои бунёдӣ дар соҳаи низоми иттилоотии корхона дар давраи туллонӣ қабул карда мешаванд, ки ба мақсадҳои ояндабинӣ, чорабиниҳо, захираҳои иттилоотӣ ва маблағгузориҳо пешбинӣ шудаанд.

**Бандар [port]** гуфта васлкунакҳои иртиботии байни сахтафзорҳои гуногуни дохилкунӣ ва хориҷкунии иттилоот бо блоки системавии компютер тавассути слотҳои (портҳои)

махсусро меноманд.

**Бит [bit – binary digit]** – рақами дуӣ, воҳиди хурдтарини баҳисобгирии иттилоот буда қимати он ба 0 ё 1 баробар аст.

**Бойгонисозӣ [archiving]** – ин амалиёти фишурдани иттилоотро бо мақсади кам кардани ҳаҷми он меноманд. Бойгонисозӣ дар мавридҳои захирасозӣ, маҳфуздории маҳсулотҳои барномавӣ дар дискҳои компютерӣ ва интиқоли иттилоот тавассути шабакаҳои компютерӣ истифода мешавад. Корбарони ватании мо аслан аз барномаҳои бойгонисозии ARJ, WinRar ва WinZip бештар баҳрабардорӣ менамоянд.

**Браузер [browser]** — барномаи махсус барои азназаргузаронии сафҳаҳои Интернет пешбинӣ шудаанд (аз забони англисӣ Browse – азназаргузаронӣ, варақгардонӣ).

**Д**

**Драйверҳо [driver]** барномаҳои махсус мебошанд, ки фаъолияти ин ё он қисми техникии ба компютер ҳамроҳшавандаро идора менамоянд.

**З**

**Захираи иттилоотӣ [information resources]** – гуфта қисми махсус ҷудошудаи дониш, ки ба маълумот табдил ёфтааст захираи иттилоотӣ ном дорад. Масалан, санадҳои алоҳида ва массиви санадҳо, ҳуҷҷатҳо ва маҷмӯи иттилоот дар низомҳои иттилоотӣ (китобхонаҳо, бойгонӣ, фондҳо, бонки додаҳо, пойгоҳи додаҳо ва ғайра).

**Захираи иттилоотӣ [information resources]** - мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ иттилооте дар назар дошта мешавад, ки он дар барандаҳои моддӣ бақайд гирфта шудааст ва дар низомҳои иттилоотӣ (нармафзорҳои махсус, бойгониҳо, китобхонаҳо, фондҳо, бонки додаҳо ва ғайра) нигоҳ дошта мешавад.

## И

**Инноватсия [innovation]** гуфта тадбиқи дастовардҳои муосири илмиву техникиро дар соҳаҳои хоҷагии халқ меноманд. Иноватсия гуфта равандҳоеро мегуянд, ки бо мақсади тағйирот бунёд гардидаанд.

**Интернет [Internet]** — Интернет маҷмӯи шабакаҳои давлатӣ, минтақавӣ, иттиҳодиявӣ, дигар навъи шабакаҳои компютерӣ ва инчунин компютерҳои алоҳидае мебошад, ки байни ҳамдигар бо ёрии таъминоти барномавии гуногуни иттилоотӣ-иртиботии ба шакли ягона овардашуда пайваст гардидаанд.

**Интернет-банкинг** ба муштариён имконият медиҳад, ки аксарияти амалиёти стандартии дар идораи бонк анҷом шавандаро (ба ғайр аз амалиёт бо пули нақдро) тариқӣ шабака амалӣ намояд.

**Интернет-трейдинг** гуфта ташаббуси маблағгузории пешниҳоднамудаи миёнаравҳоро (брокерҳоро) мегӯянд, ки ба муштари имконияти тавассути шабакаи Интернет харидуфурӯши қоғазҳои қиматнок ва асъорро дар реҷаи вақти зинда роҳандозӣ менамояд.

**Интерфейс [Interface]** — алоқамандӣ ё ҳамоҳангсозии байни ҷузъҳои техникии компютер ва корбарони системаи компютериро мегӯянд

**Интерфейси корбар [Interface]** — ин тарзҳои алоқамандии корбарро бо барномаҳои компютерӣ ва барномаҳои компютериро бо корбар меноманд.

**Информатика [computer science]** илмест, ки доир ба хосиятҳои иттилоот ва қонуниятҳои равандҳои иттилоотӣ баҳс менамояд.

**Иттилоот [information]** – маълумот дар бораи ягон ҳодиса,

предмет, шахс, рӯйдод ва умуман муҳити атроф аст, ки сатҳи номуайянии дониши инсонро дар ҳамон самти омӯзиш кам менамояд.

**К**

**Коммутатор [Switch]** – афзори васлкунандаи гиреҳҳои шабакаи компютерӣ дар як ҳудуди муайяни шабака мебошад.

**Консентратор ё хаб [Hub]** афзоре мебошад, ки ба он таҷҳизотҳои шабакавӣ ва компютерҳоро пайваст мекунанд ва бо ёрии он алоқамандии байни компютерҳо амалӣ мешавад.

**Корти пластикӣ [plastic card]** гуфта афзори инфиродии пардохтҳоро мегӯянд, ки бо ёрии он имконияти пардохти ғайринақдии мол ва хизматрасониҳоро иҷро намуда, инчунин аз идораҳои бонкӣ ва бонкаматҳо пули нақд гирифтан мумкин аст.

**Қ**

**Қуттии почтагӣ [Mail box]** — ҷой дар сервери почтагии провайдер, барои нигоҳдорӣ ва ташкили мукотиботи муштариён.

**М**

**Мағозаи электронӣ [Electronic store, Internet store, Electronic shop, Eshop].** Мағозаи электронӣ имконият медиҳад, ки “маҳсулоти мавқуфгузошташуда” бевосита бо ёрии низоми махсус пардохт карда шавад. Торнигори ин намуд, бояд аз сафҳаи хонагӣ бо рӯйихати хизматрасониҳои ба корбарон пешниҳодшаванда иборат бошад. Дар қатори хизматрасониҳо бояд иттилооти саҳеҳ оиди мағоза, мол, маҳсулот, хизматрасониҳо, низоми барасмиятдарории фармоишот мавҷуд бошад.

**Маҳсулотҳои сайёҳӣ –** ин маҷмӯи ашё ва хизматрасониҳо мебошад, ки бо нархи муайян барои қонеъ намудани

талаботҳои сайёҳон дар сайр ва ҷаҳонгардӣ пешниҳод карда мешавад.

**Менеҷменти иттилоотӣ** – яке аз соҳаҳои махсуси менеҷмент мебошад, ки ҳамчун самти мустақил ба омӯзиши ҷабҳаҳои масъалаҳои идоракунӣ дар соҳаи таҳия ва истифодабарии захираҳои иттилоотӣ бахшида шудааст.

**Модем [modem, modulator-demodulator] -** Модемҳо таҷҳизотеанд, ки вазифаи табдилдиҳии иттилооти рақамии дуии компютериро ба иттилооти аналогӣ (**мо**дулятсия) ва баръакс табдилдиҳии иттилооти аналогии бо сими телефон ирсолшавандаро ба иттилооти рақамии дуии компютерӣ (**дем**одулятсия) иҷро менамоянд. Худи мафҳуми модем аз ҳарфҳои аввали калимаҳои модулятсия ва демодулятсия гирифта шудааст. Модемҳо дохилӣ ва берунӣ мешаванд.

**Муҳити иттилоотӣ [Information environment]** – гуфта маҷмӯи воситаҳои техникӣ ва барномавии нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли иттилоот, ҳамчунин шароити тадбиқи равандҳои иттилооткунонии ҳолати сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании ҷомеъаро меноманд.

**Муҳити иттилоотӣ [Information environment] -** ин маҷмӯи шарт ва шароити коркарди технологии иттилооти (дониши) иҷтимоӣ ва истифодаи самараноки он дар шакли маълумот мебошад.

**Муштарӣ ё абонент:** 1) корбар; 2) барномаи амалӣ дар нуқтаҳои корӣ мебошад, ки барои пешниҳодкунии хизматрасонӣ ба серверҳои шабакаҳо пешбинӣ гардидааст.

**Н**

**Низоми геоиттилоотӣ [Geographic information system & Geoinformation system]** ё низоми иттилооти ҷуғрофӣ гуфта маҷмӯи афзорҳои техникӣ ва барномавиро мегӯянд, ки

барои дохилкунӣ, нигоҳдорӣ, таҳлил ва пешниҳодкунии иттилооти ҷуғрофӣ истифода мебаранд.

**Низоми идоракунии худкор** – гуфта барномаҳои махсусгардонидашударо дар худкорсозии пурраи равандҳои тиҷоратии ширкатҳо меноманд. Онҳоро инчунин комплексҳои барномавӣ ё низомҳои иттилоотии идоракунӣ низ мегӯянд.

**Низоми иттилоотӣ [Information System] -** ин маҷмӯи массиви калони иттилоот оиди объектҳо ва зуҳуротҳои олами ҳақиқӣ (маҷмӯи пойгоҳи додаҳо) ва маҷмӯи воситаҳои барномавию техникии коркарди ин массивҳои иттилоот (нигоҳдорӣ, корркард ва ҷустуҷӯи иттилоот) мебошад. Асоси НИ ва обекти коркарди онро пойгоҳи додаҳо ташкил намуда, воситаҳои коркард ё афзорҳои коркарди иттилоотиро системаи идоракунии пойгоҳи додаҳо иҷро мекунад.

**Низомҳои пардохт дар Интернет** гуфта низоми гузаронидани ҳисоббаробаркунии байни ташкилотҳои молиявӣ, тиҷоратӣ ва корбари Интернетро меноманд, ки дар натиҷаи харидуфурӯши мол ва хизматрасониҳо тариқи Интернет сурат мегирад.

**Нишондиҳандаҳои семантикӣ** гуфта пешниҳодкунии беталафот, саҳеҳ ва дурусти иттилоотро мегуянд.

**Нуқтаи корӣ ё терминал [workstation & terminal]** — компютери фардиро мегӯянд, ки тавассути он кобари алоҳида дастрасиро ба шабака пайдо мекунад.

**О**

**Оператори сайёҳӣ [tour operator]** – ширкати туристие мебошад, ки дар асоси иҷозатнома ба таҳияи хатсайрҳо, ташкили сайёҳат ва пешниҳодкунӣ ва фурӯши сабади сайёҳӣ машғул аст.

**П**

**Пойгоҳи додаҳо (Database)** ин сохтори батартибовардашудае мебошад, ки барои нигоҳ доштани иттилоот баҳрабардорӣ мешавад. Дар ПД маълумот оиди обектҳои мушаххаси олами воқеъӣ ва соҳаи муайян нигоҳ дошта мешавад.

**Почтаи электронӣ [E-mail]** гуфта низоми мубодилаи мукотиботро байни корбарони шабакаи телекоммуникатсионӣ меноманд.

**Провайдери Интернет- [Internet service provider].** Барои дастрасӣ ба шабакаи Интернет корбарон аз хизматрасонии пулакии провайдерҳо истифода мебаранд. Провайдерҳо *(Internet Service Providers)* – ширкатҳои тиҷоратие мебошанд, ки корбаронро ба хатҳои додугирифти (иртиботи) иттилоот пайваст менамоянд.

**Протоколҳо [protocols] –** протоколҳо гуфта маҷмӯи қоидаҳо ва тартиби алоқамандии афзорҳои техникӣ ва барномавиро дар шабака меноманд.

**Пулҳои электронӣ [digital cash, electronic cash, electronic money, ecash, emoney]** «ӯҳдадориҳои пулӣ»-ро ифода мекунанд, ки дар барандаи иттилоотии корбар нигоҳ дошта шуда, ба молики он имконияти пардохти мол, хизматрасонӣ ва пулгузарониро тавассути Интернет таъмин менамоянд.

**Р**

**Релевантнокӣ** гуфта тарзҳои аз рӯйи маъно муайянкунии забони дархостро мегӯянд.

**С**

**Сайёҳ [tourist] –** гуфта шаҳрванди ташрифоварандаи муваққатии мамлакат ё макон бо мақсадҳои табобат, шиносоӣ, фаъолияти касбӣ, варзишӣ, мазҳабӣ ё дигар мақсадҳоро мегӯянд, ки будубоши он аз 24 соат сар карда то шашмоҳро

дар бар мегирад.

**Самтмуаянкунак ё маршрутизатор (router)** афзори пайвасткунандаи намудҳои мухталифи шабакаҳо мебошад. Маршрутизатор метавонад мубодилаи иттилоотро байни компютерҳои як шабака ва ё ду шабакаҳои гуногун ташкил намояд.

**Саноати туристӣ [tourism industry]** – гуфта маҷмӯи меҳмонхонаҳо ё дигар воситаҳои ҷобаҷокуниҳо ва ҷойгиркунии сайёҳон; воситаҳои мухталифи нақлиётӣ; объектҳои хуроки умумӣ; объектҳо ва воситаҳои дилхушиву фароғатӣ; объектҳои корӣ, истироҳатӣ, табобатӣ, варзишӣ ва ғайра; ташкилотҳои пешбурди фаъолиятҳои оператории сайёҳӣ, ширкатҳои сайёҳӣ, инчунин хизматрасониҳои ташкил ва гузаронидани сайру роҳбаладиро мегӯянд.

**Сервери муштарӣ [Client-server]** — самти асосии коркарди муосир дар соҳаи низоми итттилоотӣ мебошад. Дар асоси ин технология ғояи баҳрабардории функсияҳои калидӣ байни барномаҳои муштариён ва барномаҳои идоракунии пойгоҳи додаҳо иборат аст.

**Сервери файлӣ [File Server] -** гуфта серверҳоеро меноманд, ки захираи асосии онро файлҳо ва хотираи дискӣ ташкил мекунад. Миёни муштарӣ ва сервер мубодилаи иттилоот сурат мегирад.

**Системаҳои омилӣ [Operating system]** – маҷмӯи барномаҳои ба ҳам алоқаманд буда, ҳангоми бакордарории компютер фаъолияти худро оғоз менамояд ва байни корбар ва компютер интерфейс ташкил менамояд.

**Сканиронӣ [scanning]** — роҳи асосии табдилдиҳии санадҳои қоғазӣ ба намуди электронӣ мебошад. Дар натиҷаи сканиронӣ санад дар шакли иттилооти графикиро мегирад. Тавассути барномаҳои махсус аз тасвирҳои графикӣ матн

шинохта гирифта мешавад. Яке аз барномаҳои муваффақи шинохтани матн ин барномаи FineReader мебошад.

**Соҳаҳои иттилоотӣ [Information Sphere]** - 1) соҳаи иқтисодиёте мебошад, ки ба истеҳсолот, коркард, нигоҳдорӣ, паҳнкунӣ иттилоот ва дониш машғуданд; 2) маҷмӯи иттилоот, инфрасохтори иттилоотӣ, субъктҳои ба ҷамъоварӣ, ташкилкунӣ, паҳнкунӣ ва истифодабарии иттилоот ҷалбгардида соҳаи иттилоотиро ташкил мекунанд; 3) ин чунин низоми батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ низ соҳаи иттилооӣ мебошад.

**Соҳибкории электронӣ** гуфта фаъолияти кории дилхоҳро меноманд, ки бо истифодабарии имкониятҳои шабакаҳои иттилоотии саросарӣ, баҳри барқароркунии иртиботи дохилӣ ва берунӣ бо мақсади бадастовардани фоида ба роҳ монда мешавад.

**Т**

**Таъминоти барномавӣ ё нармафзор [software] -** Таъминоти барномавӣ барои компютерҳои муосир навъ ва намудҳои ниҳоят мухталиф дошта, ба корбарон имконият медиҳад масъалаҳои гуногунро тавассути компютер ва технологияи иттилоотӣ ҳал намоянд. Таъминоти барномавии компютериро ба таври умда аслан ба се гурӯҳ ҷудо менамоянд: таъминоти барномавии системавӣ; таъминоти барномавии амалӣ; афзорҳои барномарезӣ.

**Таъминоти барномавии амалӣ (тадбиқӣ) [application software]** – яке аз гурӯҳҳои калони барномаҳои компютериро ташкил мекунад. Таъминоти барномавии амалӣ гуфта гурӯҳи барномаҳоеро мегӯянд, ки корбарон онҳоро дар компютер бо мақсадҳои муайян барои иҷронамудани мақсадҳои мушаххас баҳрабардорӣ менамоянд.

**Таъминоти барномавии афзорҳои барномарезӣ** гуфта

воситаҳои худкорсозии раванди коркарди барномаҳои компютериро меноманд. Яъне ин афзори барномарезӣ мебошад, ки тавассути он барномаҳои мухталифи компютерӣ эҷод карда мешаванд.

**Телекоммуникатсия [telecommunication]** — ирсолкунии иттилоотро дар масофа телекоммуникатсия мегӯянд.

**Технологияи иттилоотӣ [information technology, information processing technology]** гуфта маҷмӯи низомҳо ва системаҳои муташаккили усулҳо ва воститаҳои тадбиқи амалиётҳои ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, иртибот, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ, коркард ва ҳифзи иттилоотро меноманд, ки дар асоси таъминоти барномавии муосир, воситаҳои техникии иттилоотию иртиботӣ амал менамояд.

**Технологияи иттилоотӣ** ин яке аз соҳаҳои тафаккури илмӣ, ки ба воситаи системаи таҳлилии ҳодисаҳои муҳити атроф равандҳои иттилоотии бо суръати баланд вусъатёбандаро меомӯзад ва усулу воситаҳои худкори ғункунӣ, қабулкунӣ, нигаҳдорӣ, табдил, ирсол, сабт ва истифодаи иттилоотро тавассути техникаи компютерӣ мавриди омӯзиш ва коркард қарор медиҳад.

**Технологияи иттилоотӣ** раванди технологие мебошад, ки дар он маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои ҷамъоварӣ, коркард ва интиқоли иттилоот баҳрабардорӣ мегардад.

**Технологияи иттилоотӣ; технологияи равандҳои иттилоотӣ – гуфта** маҷмӯи усулҳо, тарзҳо, роҳҳо ва воситаҳои тадбиқи равандҳои иттилоотиро дар мувофиқат бо масъалаи гузошташуда мебошад.

**Технологияи иттилоотии идоракунӣ (management information system)** гуфта низоми идоракуниро бо истифодаи усулҳо ва тарзҳои ҷамъоварӣ, захиракунӣ, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ ва коркарди иттилоотро дар асоси истифодабарии воситаҳои

техникии муосир меноманд. Ин афзори ҳалли масъалаҳои соҳаҳои фаннӣ мебошад.

**Топологияи шабакаи компютерӣ [network topology]** гуфта, тарзҳои пайвасткунии байниҳамдигарии компютерҳои шабакаи маҳаллиро меноманд.

**Торнигори анкабуди ҷаҳонӣ (WWW)** – низоми дастрасӣ ба иттилоот дар Интернет буда, дар заминаи санадҳои абарматнӣ пайдо шудааст.

**Транзаксия** [**Transaction**] — 1). Аз англисӣ гирифташуда харидуфурӯши электронӣ ё воҳиди алоқамандии шарикон мувофиқи мавқеъи додашударо ифода мекунад. 2). Тағйироти бо маслиҳати дилхоҳи иттилоотро аз тарафи ҷонибҳо меӯянд, ки дар натиҷаи он дар ҷадвалҳои пойгоҳи додаҳо иттилоот иваз мешавад.

**Трафик [Traffic] –** миқдори иттилоотро, ки корбар қабул ё ирсол мекунад трафик мегӯянд.

**Туризм [tourism]** — гуфта ташрифи муваққатии пардохтшавандаи шаҳрвандони дохилии кишвар ва шаҳрвандони хориҷиро меноманд, ки аз ҷойи доимии истиқомат ба маҳалли истиқомати муваққатӣ бо мақсадҳои беҳдошти саломатӣ, табобатӣ, маърифатӣ, корӣ, варзишӣ, мазҳабӣ ва дигарҳо ба амал меояд

**Туризми дохилӣ** — гуфта сайёҳати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар дохили кишвар мегӯянд.

**Х**

**Хизматрасонии сайёҳӣ** – натиҷаи фаъолияти ташкилот, ширкат ё соҳибкории инфиродиро мегӯянд, ки барои қонеъ намудани талаботҳои сайёҳон дар ташкили сайр ва қисматҳои таркибии сайру сайёҳат пешбинӣ гардидааст.

**Хост [host]** — компютери асосӣ ё серверро дар Интернет хост

мегӯянд; компютер ё сервере, ки ба компютерҳои муштариён дастрасии Интернетро таъмин менамояд.

**Ч**

**Чандрасонаӣ [Multimedia]** —Мафҳуми мултимедиа аз калимаи таркибии англисии multimedia гирифта шуда, multi (мулти) – маънои якчанд, бисёр ва media (медиа) – расона, барандаро доранд, яъне мултимедиа – чандрасона. Технологияи чандрасонаӣ ҳамчун технологияи пешниҳод ва коркарди иттилоот тавассути ду шакли таъминот - сахтафзор ва нармафзор татбиқ карда мешавад.

**Ҷ**

**Ҷамъияти иттилоотӣ** – ин дар асоси эҷод ва баҳрабардории захираҳои иттилоотӣ ташкил намудани шароити оптималии таъминоти раванди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва илмӣ-техникии эҳтиёҷоти иттилоотӣ ва дар ин замина тадбиқ намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, органҳои ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои худидораи маҳаллӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошад.

**Ҷамъияти маҷозӣ (Virtual community)** – ин маҷмӯи иртиботҳо байни одамон мебошад, ки одамонро бо ҳамдигар аз рӯйи умумияти мақсадҳо (шуғл, нуқтаи назар, соҳаи таваҷҷӯҳ, касбу кор, таълим, ва ғайра) гирд меорад ва алоқамандиро дар фазои электронӣ ташкил мекунад.

**Ш**

**Шабакаи иттиҳодиявӣ [corporate network]** - шабакаи компютерие, ки шабакаҳои маҳаллии як коргоҳи бузургро байни ҳамдигар пайваст менамояд, шабакаи иттиҳодиявӣ меноманд.

**Шабакаи иҷтимоӣ [Social network] –** шабакаи маҷозиест (виртуалӣ), ки воситаи таъминоти хизматрасониҳо буда

алоқамандиро байни корбаронро мувофиқи соҳаи таваҷҷӯҳашон ба захираҳои иттилоотии дар сомонаҳои шабакаи саросарӣ ҷойгирбуда, ташкил менамояд.

**Шабакаи компютерӣ [computer network]** гуфта пайвастшавии шумораи дилхоҳи компютерҳои бо ёрии хатҳои мухталифи алоқа пайвандро мегӯянд, ки бо мақсади иртиботи иттилоот пешбинӣ шудаанд.

**Шабакаи минтақавӣ [metropolitan area network] -** барои ҳалли масъалаҳои муштарак дар як шабака пайвастани шабакаҳои маҳаллӣ ва компютерҳои алоҳидаро шабакаи минтақавӣ меноманд.

**Шабакаҳои маҳаллӣ [local area network] -** Шабакаҳои маҳаллӣ барои пайваст намудани компютерҳое хизмат мерасонанд, ки онҳо аз ҳамдигар дар масофаи наздик ҷойгир шудаанд.

**Шабакаҳои саросарӣ [global network] -** шабакаҳои саросарӣ компютерҳои дар масофаҳои дуру наздик ҷойгирбударо барои истифодабарии захираҳои ҷаҳонии иттилоот муттаҳид менамоянд.

**Шаҳодатномаи электронӣ** гуфта санади рақамиеро мегӯянд, ки калиди кушодаро ба корбар ё замимаи мушаххас алоқаманд месозад.

**Ширкати туристӣ [travel agency]** — ташкилот ё соҳибкори инфиродие, ки фаъолияти худро дар асоси иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти турисӣ роҳандозӣ намудааст.

**S**

**SQL [Structured Query Language]** – забони сохтории дархостҳо. Забони махсусгардонидашудаи идоракунии дархостҳои пойгоҳи додаҳо мебошад ва мақоми стандати технологии байналмилалиро дорад.

**T**

**Tag** – 1). Тег, нишона, аломат; рамзи идоракунӣ; тегҳоро ҳамчунин байрақчаҳои аломатгузор мегӯянд, ки онҳо дар раванди идоракунии санади абарматӣ истифода мешаванд; дастурҳои дар санад ҷойгиршавандае мебошанд, ки форматбандии санад ё як қисми онро иҷро мекунад.